Ҳеҷ яке аз шумо намирад, магар он ки нисбати Худованд гумони хуб дошта бошад

Аз Ҷобир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки пеш аз вафоташон се чизро баён карданд: "Ҳеҷ яке аз шумо намирад, магар он ки нисбати Худованд гумони хуб дошта бошад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ташвиқ намудааст, ки мусалмон намирад, магар ин ки ба Аллоҳ бо умеди бахшиш ва раҳмати Ӯ гумони нек дошта бошад. Зеро тарс барои беҳтар кардани амал лозим аст, аммо ҳолати марг вақти анҷом додани кор нест, балки дар чунин ҳолат бояд умед ба Аллоҳ Таъоло бештар бошад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3779